## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Ҳифзи гуногунии биологӣ ва нигоҳдории захираҳои набототи табиӣ имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ ва сиёсатгузории экологӣ қарор доранд. Тоҷикистон бо назардошти мавқеи географӣ, гуногунии иқлим ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ яке аз минтақаҳои калидӣ барои таҳқиқи ин равандҳо ба ҳисоб меравад. Қисмати ҷанубии қатрокӯҳи Ҳисор, ки дар минтақаи гузариши биогеографии байни дашт, ҷангалзор ва биёбонҳои баландкӯҳ ҷойгир аст, дорои экосистемаҳои мураккаб мебошад. Ба онҳо ҷангалҳои намидӯсти омехта, арчазору бешаҳои гармдӯсти миёнакӯҳӣ, ҷангалҳои наздисоҳили дарёҳо ва марғзорҳоу нимсаванагҳо дохил мешаванд. Ин гуногунии муҳит таркиби бойи растаниҳои худрӯйро таъмин намуда, шумораи зиёди таксонҳоро дар бар мегирад, ки дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Новобаста аз аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ доштани набототи ин қисмати ҷанубии қатрокӯҳи Ҳисор, тадқиқоти ҳамаҷонибаи флора ва фитосенозҳо оид ба дарахту буттаҳои худрӯй (табиӣ) то имрӯз ба таври мунтаззам анҷом наёфтааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ омӯзиши порчавии флораи ин минтақа ба роҳ монда шуда бошад ҳам, таҳқиқоти мукаммали систематикӣ оид ба дендрофлора, махсусан аз диди экологии дарахту буттаҳо, то ҳол мавҷуд нест.

Дар чунин шароит зарурати гузаронидани таҳқиқоти амиқ оид ба муайянсозии таркиби таксономӣ, таҳлили фитосенологӣ ва арзёбии ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ба миён меояд.

Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар таҳқиқоти диссертататсионӣ масъалаҳои муайян намудани гуногунии намудӣ, таҳлили хусусиятҳои фитосенологӣ ва арзёбии вазъи экологии дарахту буттаҳои худрӯйи минтақаро мавриди таҳлил, омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон дар доираи таҳқиқот сатҳи гуногунии намудии типҳои набодот муайян карда, мутобиқшавии дарахту буттаҳо ба шароити муосири иқлим арзёбии гардидааст. Инчунин, тағйиротҳои ба амаломада дар сохтори

типҳои асосии наботот ва экосистемаҳо ошкор карда шуда, роҳҳо ва тадбирҳои мушаххаси ҳифзи онҳоро пешниҳод намудааст.

Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ соли 2016 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси биология хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси биолог дохил шуда, соли 2022 зинаи мазкурро бо ихтисоси биолог хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №375-05 аз 06.10.2022 ба ҳайси докторант (Ph.D) аз рӯйи ихтисоси 6D060700 – Биология (6D060718 – "Ботаника") дар кафедраи ботаника қабул гардида, соли 2025 тибқи фармоиши №253-05 аз 25.08.2025 хатм намудааст.

Маълумотномаи академӣ оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 28.02.2026 таҳти №49 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудаст.

Кори диссертатсионии Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ аз муқаддима ва 5 боб, 13 зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ассоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Шароити табиии қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он ҷанбаҳои геологӣ, орографӣ, иқлимӣ, гидрологӣ ва гуногунии флоравии минтақа дар асоси сарчашмаҳои илмии мавҷуда мӯфассал тавсиф ёфтаанд.

Дар боби дуюм «Таърихи омӯзиши дарахту буттаҳои Тоҷикистон ва минтақаи омӯзиш» оварда шуда, дар он таҷрибаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар соҳаи дендрофлора фаъолият кардаанд, таҳлил шудаанд. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ ва рисолаҳои дифошуда тасвири возеҳи марҳилаҳои омӯзиширо манзур намудааст. Инчунин дар зербоби ин боб доир ба маводҳо ва усулҳои истифодашуда дар раванди таҳқиқотҳои саҳроӣ маълумот оварда шудааст.

Боби сеюм ба «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва таҳлили натиҷаҳо» бахшида шуда, дар он паҳншавии намудҳо дар чор типи асосии наботот: сиёҳҷангал, шибляк, сафедҷангал ва арчазорҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар зербобҳо шумораи таркиб, типология ва сенозҳои

асосии ҳар як типи наботот нишон дода шудаанд. Дар ин боб хулосаҳои асосии илмӣ оид ба таркиби намудӣ, сохтор, паҳншавӣ, қабатнокӣ ва таҳлилҳои системаликӣ, ареологӣ, шакли ҳаётӣ ва экологӣ матраҳ гардидааст. Дар зербахшҳои ин боб таҳлилҳои систематикӣ ва гуногунрангии шаклҳои ҳаётӣ ва мутобиқшавии дарахту буттаҳоро равшан сохтааст. Таҳлили географию ареологӣ паҳншавии васеъ ва маҳдуди баъзе намудҳоро муайян намуда, таҳлили экологӣ, ки дар асоси таснифи А.П. Шенников (1950) гузаронида, таъсири назарраси омилҳои табиӣ ва антропогениро тасдиқ кардааст.

Дар боби чорум докторант оид ба «Арзёбии ҳолати экологии дарахту буттаҳо дар экосистемаҳои асосӣ» маълумот пешниҳод намудааст. Дар зербоби 4.1 муаллиф чор типи асосии экосистемаро тавсиф намудааст. Зербоби 4.2 ҳолати экологии намудҳои осебпазир ва таҳти хатарро дар бар гирифта, сабабҳои асосии коҳишёбии онҳо низ зикр гардидааст. Дар зербоби 4.3 бошад, ҳолати экологии дарахту буттаҳои нафъовари минтақа таҳлил гардида, гурӯҳҳои гуногуни онҳо аз ҷумла, мевадиҳанда, чӯбдеҳ ва ороишӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар зербоби 4.4 – и диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ роҳҳои ҳифзи дарахту буттаҳо мавриди омӯзиш пешниҳод гардидааст. Муаллиф нахуст мавзеҳои осебпазири таҳқиқшударо муайян намуда, омилҳои асосии таъсиррасон, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва таъсири антропогениро баррасӣ намудааст.

Дар боби панҷум «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот» Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар бораи ҳамаи бобҳои диссертатсия маълумот дода аст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои ассосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Сатторов Р.Б.
«15» 12. 2025

734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни-Ҳисорак,
бинои 16Телефон (+992)-907-96-94-76
E-mail:sattorov59@ mail.ru.

Имзои доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Р.Б. Сатторовро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон (+992)-221-77-11
E-mail:info@tnu.tj.
www.tnu.tj
«16» 12 2025